4.Раззоков Б.Х. Хокимияти ичроияи Чумхурии Точикистон: дастури илми-методи. Душанбе, 2006.
5.Изменения и дополнения в Конституцию Республики Таджикистан //Народная газета. 2016. 11 февр.
6.Раззоков Б.Х. Исполнительная власть Таджикистана: правовые проблемы институционального реформирования. Душанбе, 2013.
7.Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2009. №12. Ст.814.
8.Решения Президента и Правительства Республики Таджикистан. 2006, дек. Ст.588.
9.Единый государственный реестр нормативных правовых актов Республики Таджикистан. 2011. №3. Ч.2.
10.Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2001. №4. Ст.215.
11.Вестник Института повышения квалификации государственных служащих Республики Таджикистан. 2009. №1.

УДК 551.324

***Аброров Ҳ.,***
*ходими калони илмии ИМО,Г ва Э АИ ҶТ*

***Нуров Ҳ.Р.,***
*ходими илмии ИМО,Г ва Э АИ ҶТ*

*734042, ш.Душанбе, к. Айнӣ 14 А,*
*Тел: (+992 37) 222 23 20,*
*E-mail: owp@tojikiston.com*

## ПИРЯХҲОИ МУЗОФОТИ РАШТОНЗАМИН ВА ТАҲАВВУЛИ ОНҲО

*Дар мақола бори нахуст пиряххои музофоти Раштонзамин аз қабили пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Қизилсу, Мугсу, Сурхоб ва Хингоб ба таври мушаххас таҷдиди назар гаштаанд.*

***Вожаҳои калидӣ**: Пирях, фирна, таҳаввули пиряххо ҳавзаи дарё, обшораи пиряхӣ, тарма.*

***Аброров Х.,***
*ходими калони илмии ИМО,Г ва Э АИ ҶТ*

***Нуров Х.Р.,***
*ходими илмии ИМО,Г ва Э АИ ҶТ*

*734042, г.Душанбе, к. Айни 14 А,*
*Тел: (+992 37) 222 23 20,*
*E-mail: owp@tojikiston.com*

## ЛЕДНИКИ РАШТСКОГО РЕГИОНА И ИХ ЭВОЛЮЦИИ

*В данном статье в первые рассмотрены ледники Раштского региона, в том числе ледники бассейна рек Кизилсу, Муксу и Хингоб.*

***Ключевые слова:** Ледник, фирна, эволюция ледников, бассейн реки, ледниковый сток, снежная лавина.*

***Abrorov H.,***
*senior researcher of the IWP,H & E, ASRT*

***Nurov H.R.,***
*researcher of the IWP,H & E, ASRT*

*734042, Dushanbe, Aini str. 14 A,*
*Tel: (+992 37) 222 23 20,*
*E-mail: owp@tojikiston.com*

## GLACIERS OF THE RASHT REGION AND ITS EVOLUTIONS

*In the article for first time payed attention to the glaciers of the Rasht region, including glaciers of Kizilsu, Muksu and Khingob river basins.*

***Key words:** Glacier, core, glacier evolutions, rivers, swimming pool, ice flow, snow avalanche.*

Музофоти табиию географии Раштонзамин нимаи шарқии ноҳияҳои тобеи марказро фаро гирифтааст. Ба ин музофот ноҳияҳои маъмурии Нуробод, Рашт, Роғун, Тавилдара, Тоҷикобод ва Ҷирғатол дохил мешаванд. Ин музофот аз ғарб ба шарқ ба масофаи 250 км.ва аз шимол ба ҷануб дар тӯли деҳаи Яхч 70 км. ва тӯли шаҳраки Тавилдара қариб 140 км. паҳнӣ дорад 17,3 ҳазор километри мураббаъро фаро гирифтааст.

**1. Омилҳои ташаккулдиҳандаи пиряхҳо**. Дар шимолу ғарбии ин музофот доманаҳои ҷанубу шарқии қаторкӯҳҳои Зарафшону Ҳисор, дар шимол ва шимолу шарқ қаторкӯҳҳои Олойю Паси Олой, дар шарқ қаторкӯҳи Академияи Илмҳо, дар ҷанубу ғарб қаторкӯҳи Дарвоз ва нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Ҳазратишоҳу Вахш, дар ғарб қаторкӯҳи Қаротегину Сурхкӯҳ ҷойгир шудаанд.Дар мобайн қаторкӯҳи Пётри Як аз қаторкӯҳи Академияи Илмҳо ба самти ғарб то шаҳраки Дарбанд кашол ёфта, музофоти Раштонзаминро ба ду нима, дар шимол водии дарёи Сурхоб, Қизилсу, Муғсу ва дараҳои сершумор – Сорбоғ, Камароб, Ярхич, Питавкӯл ва чанде дигарон, дар ҷануб водии дарёи Хингоб ва дараҳои сершумори шохобҳои ин дарё ҷойгир шудаанд.

Водиҳои номбурда аз сатҳи баҳр дар баландиҳои гуногун воқеъ гардидаанд.Масалан водии Вахш (ҳадди ҷанубу ғарбии музофот) – Сурхоб ва Қизилсу дар баландии 1200 то 2100 м., водии Хингоб дар баландиҳои 1200 – 3200 м. ва водии Муғсу, бошад дар баландиҳои 1800 – 2700 м. воқеъ гардидаанд. Қаторкӯҳҳое, ки водиҳои боло номбурдаро иҳота кардаанд аз сатҳи маҷрои дарёҳо 1500 – 3500 м. баланд мебошанд. Баландии мутлақи қаторкӯҳҳо аз 4000 м. то ба 7495 м. мерасанд. Ба ҳисоби миёна 4 – 5 ҳазор метр баландӣ доранд. Саргаҳи водии дарёи Вахш, ки ба музофоти Раштонзамин мансуб аст ба самти ҷанубу ғарб кушод аст.

**Хусусиятҳои иқлими** музофоти Раштонзаминро аз сатҳи баҳр баланд будани водиҳо, қаторкӯҳҳои баланди осмонбус, хобиши арзӣ доштани қаторкӯҳҳо ва самти ҳаракати анбӯҳи ҳавоинамноки аз ғарб дохилшаванда, радиатсияи солонаи офтоб муайян мекунад. Барои ин музофот иқлими континентӣ хос мебошад. Водиҳо бо тобистони гарми мӯътадилу салқин, қаторкӯҳҳо бо иқлими хунуки худ фарқ мекунанд. Тобистон ҳарорати миёнаи моҳи июл дар Ғарм + 24$^{o}$ (миёнаи солона + 11$^{o}$), Тавилдара + 22$^{o}$, Ҷирғатол + 21$^{o}$ – ро ташкил медиҳад. Ҳарорати моҳи январ ба **-** 10$^{o}$– 16$^{o}$, максимуми мутлақ ба **-** 30$^{o}$ мефарояд. Бориш бештар аз охирҳои тирамоҳ то ибтидои тобистон мешавад, вале он дар маҳалҳо нобаробар тақсим шудааст. Миқдори боришоти солона аз ғарб ба самти шарқ коҳиш меёбад. Агар дар ғарб (ноҳияи Рашт) 650 – 900 мм. борад, дар шарқ (ноҳияи Ҷирғатол) ҳамагӣ 270 – 280 мм.- ро ташкил медиҳад. Дар доманакӯҳҳо 400 – 600 мм., вале дар кӯҳҳо 800 – 1200 мм., дар болооби дарёи Хингоб то 1800 мм.бориш мешавад. Зимстон боришот дар шакли барф ба амал меояд. Пӯшиши барф дар Ғарм аз 28-уми декабр то 13-уми март 75 шабонарӯз, дар Тавилдара аз 16-уми декабр то 23-юми март 96 шабонарӯз давом мекунад. Агар ғафсии барф дар баландиҳои 2500 м. саргаҳи Хингоб дар моҳи март 70 см.- ро ташкил диҳад, дар баландиҳои 4000 м. дар моҳи апрел ба 280 см. мерасад. Дар баландии 2000 м. мавзеи Камаров ғафсии барф дар моҳи феврал агар 140 см. – ро ташкил диҳад, дар баландии 3500 м. ғафсии барф дар моҳи апрел ба 400 см. мерасад. Аз ин мисолҳо бармеояд, ки ғафсии барф вобаста аз баландии маҳал ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо аз 70 см. то ба 400 см. зиёд мешавад. Сабаб дар он аст, кибо баробари ба кӯҳ боло баромадан ғафсӣ ва зичии ҳаво кам мешавад, аз ин хотир талафи гармӣ бештар рӯх медиҳад. Ҳангоми ба кӯҳ 1 км. боло баромадан ҳарорати ҳаво 6 – 7$^{o}$ паст мешавад. Дар баландии 3500 – 4000 м. аз сатҳи баҳр «**рахи барфӣ**», «**рахи фирнавӣ**» пайдо мешавад, болотар аз ин рах барф бештар меборад, вале обшавии он дар фасли кӯтоҳи сол (тобитон) камтар ба амал меояд. Аз ин лиҳоз дар баландкӯҳҳо тӯли солҳои бардавом барф захира шуда, ба барфи донадори фирна табдил меёбад. Минбаъд зери фишори вазни худ зич шуда аз он пиряхи ранги кабуди тобиши сабздор пайдо мешавад. Ҳамин тавр маълум мешавад, ки манбаи пайдоиш ва ташаккули пиряхҳо ин барф мебошад.

Барф дар сатҳи пиряхҳо бо се роҳ амбориш (аккумулятсия) мешавад.Якум ин барфи бевосита ба сатҳи пирях борида, барфе, ки тавассути бӯрону шамол (бод) аз теғаю ёнаҳо руфта меорад ва сеюм тармаҳо, ки аввал дар нишебиҳои кӯҳ, барфхонаҳо ҷамъ мешаванд, зери таъсири якбора гарму хунук шудани ҳаво, бодҳои пуршиддат ва ё таконҳои зилзила аз ҷои худ канда шуда, ба болои пирях мефароянд, яъне пиряхро ғизо мебахшад. Ҳар як пирях аз ду қисмат иборат аст. Қисмати дар баланд воқеъ гаштаро минтақаи амбориш ва ё фирнавӣ меноманд. Қисмати поёнии пиряхро минтақаи аблятсия (обшавӣ) меноманд. Дар қисмати болои пиряхи фирнавӣ оҳиста ба лозур (глетчера – пиряхи ҳақиқӣ) табдил меёбад, ба самти нишеб оҳиста ба пеш ҳаракат мекунад. Қисми ба пеш ҳаракаткунандаи пиряхро **забонаи пирях** меноманд.Ҳангоме, ки забонаи пирях аз «рахи барфӣ» поён фаромад, зери ҳарорати баланди ҳаво об шуда, ба рӯду дарёҳо ғизо мебахшад, ки онро одатан **ғизогирии пиряхӣ** меноманд. Дар асл ин масъала басо мураккабу нозук аст, зеро нафақат пирях, балки барфҳои мафсимӣ ва фирна ҳам об шуда ба рӯдҳо ғизо мебахшанд. Барои

ҳамин ҳам дар ҳалли ин масъала байни муҳақиқон ҳамфикрии том вуҷуд надорад.

Пиряхҳои Тоҷикистон **8,4 ҳазор км.$^2$** масоҳат дошта 6% марзи ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва 8000 пирях ба ҳисоб гирифта шудааст, ки аз ин шумора 23 пирях беш аз 15 км.дарозӣ доранд. Тоҷикистон аз ҷиҳати бузургии фарогирии масоҳати пиряхҳо дар байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҷои аввал, вале дар байни мамлакатҳои Осиё пас аз Ҳиндустон, Хитой ва Непал ҷои чорумро ишғол мекунад (**Муҳаббатов Х.; Яблоков А., Д. 2008, с. 82**).

Музофоти табиию географии Раштонзамин аз ҷиҳати шумора, масоҳат ва ҳаҷми пиряхҳои худ дар байни дигар музофоти яхистон пас аз Помир дар ҷои дуюм меистад.Дарёи пуроби Вахшро, ки дар он НБО – ҳои сершумор сохта шудаанд маҳз ҳамин пиряхҳо бо об таъмин мекунанд. Мувофиқи маълумотҳои обшинос **А. О. Кеммерих** (с. 1978) дар ҳавзаи дарёи **Вахш 3850,4 км.$^2$** масоҳатро пиряхҳо фаро гирифтаанд ва шумораи умумии онҳо ба **2731** мерасад.Аз ин ҳисоб дар ҳавзаи **дарёи Қизилсу** 298 пирях 648,9 км.$^2$ масоҳат, дар ҳавзаи **дарёи Муғсу** 995 пирях 2088 км.$^2$ масоҳат, дар ҳавзаи **дарёи Сурхоб** 682 пирях 401,1 км.$^2$ масоҳат ва дар ҳавзаи **дарёи Хингоб** 756 пирях 712,4 км.$^2$ масоҳатро фаро гирифтааст.

Дар пиряхҳои музофоти Раштонзамин тақрибан 30 млрд. мукааб метр об захира шудааст. Пиряхҳо реҷаи обшораи дарёи Вахш ва шохобҳои онро танзим мекунанд.

Ҳаҷми пиряхҳои алоҳидаи ҳавзаи дарёҳои Сурхобу Хингоб ба 590 – 940 м.$^3$ мерасанд. Баъзе пиряхҳои ҳавзаи дарёи Сурхоб дар баландиҳои 2300 – 2400 м. вомехӯранд, яъне нисбат ба чанде аз пиряхҳои Помир паст ҷойгир шудаанд. Ин ҳолат ба хосиятҳои орографӣ, бештар боридани барф ва экспозитсия (дар нишебии шимол воқеъ шудани мавзеъ) вобаста мебошад.

Хотирнишон менамоем, ки пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Муғсу ва Хингоб ҳанӯз мукаммал омӯхта нашудаанд. Минбаъд ҳаматарафа омӯхтани пиряхҳои ҳавзаҳои номбурда аҳамияти калони илмӣ ва хоҷагӣ доранд. Дар ин кори муҳим бояд олимони шӯъба ва факултаҳои табиатшиносии Донишкадаи омӯзгории дар шаҳраки Ғарм будаи ба номи С. Айнӣ саҳм гузоранд.

Дар поён пиряхҳои ҷудогонаи ҳавзаи дарёҳои Сурхоб, Муғсу, Хингоб, пиряхи беқарори Дидал ва таҳаввули минбаъдаи онҳоро тавзеҳ медиҳем.

**2. Пиряхҳои ҳавзаи дарёи Сурхоб.**Дар ҳавзаи дарёи Сурхоб байни

Резишгоҳи дарёи Хингоб ва Муғсу 882 пирях ба ҳисоб гирифта шудааст, ки майдони умумии онҳо 401,1 км.$^2$ баробар буда, ҳаҷмашон 4,49 км$^3$ ташкил медиҳанд (**Таджикистан, Д. 1982, с. 274**).

**Пиряхи Қизилкӯл** (№ 503) дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Пётри Як дар ҳавзаи рӯди Шӯраки Шарқӣ воқеъ буда, 2,5 км дарозӣ ва 0,9 км$^2$ масоҳатро фаро гирифтааст, забонаи он аз сатҳи бахр дар баландии 3000 м. воқест. Ин пирях аз соли 1975 то соли 1990 ба андозаи 80 м. қафонишинӣ карда кӯтоҳ шудааст, яъне ба ҳисоби миёна соле 5,6 метр кӯтоҳ ва 2,4 % майдонашро талаф додааст.

**Пиряхи беноми № 507** ҳам дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Пётри Як дар саргаҳи рӯди Шӯраки Шарқӣ ҷойгир мебошад. Дарозии ин пирях 2,2 км.ва 0,7 км$^2$ масоҳат дорад. Забонаи пирях дар баландии 2800 м. воқеъ мебошад. Тамоми сатҳи болои пирях бо морена (ҷинсҳои сахти порасангии пирях оварда)

пӯшида шудааст. Маълумотҳое ҳастанд, ки ин пирях солҳои 50 – уми асри гузашта дарозӣ ва масоҳати худро афзоиш додааст.

Аз соли 1975 то соли 1986 пирях аз ҳаҷми умумияш (16 млн. $м^3$) 3,2 $млн^3$, яъне 20% - ро талаф додааст. Пас коҳишёбӣ ба ҳисоби миёна соле 1,8 % массаашро ташкил додааст. Ҳоло забонаи пирях соле ба ҳисоби миёна 4 м. қафонишинӣ карда кӯтоҳ шуда истодааст.

**Пиряхи беноми № 517** дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Пётри Як дар ҳавзаи шохоби беноми дарёи Сурхоб воқеъ мебошад. Ин пиряхи водигӣ буда, 2,9 км.дарозӣ ва 0,9 $км.^2$ масоҳат дорад, забонааш дар баландии 2320 м. воқеъ мебошад.

Байни солҳои 1975 – 1986 аз ҳаҷми умумияш (19 млн. $м.^3$), 2,8 млн. $м.^3$, яъне 14,8 % - и захираашро талаф додааст, ки ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна соле ба 1,4% мерасад. Байни солҳои 1976 – 1990 ба андозаи 130 м. қафо рафта кӯтоҳ шудааст., пас соле ба ҳисоби миёна 8,6 м. таназзул ёфтааст.

Дар ҳадди ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи Олой дар ҳавзаи рӯди **Коксу** (шохоби рости дарёи Қизилсу), дар шимолу шарқии ҳудуди музофоти Раштонзамин **пиряхи Абрамов** ҷойгир шудааст. Ин пирях 9 км. дарозӣ ва 22,8 $км^2$ масоҳат дорад. Қисми (ҳадди) болоии он дар баландии 4800 м. ва поёнии он аз сатҳи баҳр дар баландии3620 м. воқест. Мушоҳида ва омӯзиши ин пирях аз соли 1967 оғоз ёфт. Омӯзиш нишон дод, ки мувозинаи (баланси) пирях тағйирёбандааст, яъне андоза ва захираи пирях вобаста ба шароиту омилҳои иқлимӣ (ҳарорат ва бориш) тағйир ёфта меистад. Афзоиши максималии пирях зимистони соли 1968 – 1969 рух додааст. Фасли тобистони соли 1969 хунук омада буд, аз ин хотир обшавии пирях хеле оҳиста ҷараён дошт. Барои ҳамин ҳам мувозинаи пирях мусбат арзёбӣ гардид. Афзоишиумумии ҳаҷми пирях 27 млн. $м.^3$ – ро ташкил дода буд. Соли 1970 – 1971 мувозинаи пирях манфӣ буд, вале соли минбаъда боз мусбат шуд. Тӯли солҳои мушоҳида (1967-1975) мувозинаи ҳаҷми пирях манфӣ арзёбӣ гардидааст (**Мусоев З., Дильмурадов Н., Д. 1994, с. 43**).

Аз тафсилоти боло бармеояд, ки пиряхҳои номбаршудаи ҳавзаи дарёи Сурхобу Қизилсу айни замон дар ҳолати таназзулёбӣ қарор доранд. Сабаби ин вазъият агар аз як тараф ба гарм шудани умумии иқлим вобаста бошад, аз тарафи дигар аз рахи барфӣ поён ҷойгир шудани забонаҳои пиряхҳо мебошанд. Агар раванди таназзулёбии пиряҳо минбаъд ҳам ҳамин тавр идома ёбад, он гоҳ солҳои наздик ин пиряхҳо тамоман нобуд шуда аз байн мераванд (**Ледники Таджикистана Д. 2003, с. 21 – 22**).

**3. Пиярхҳои ҳавзаи дарёи Муғсу.**Дарёи Муғсу яке аз шохобҳои калони дарёи Сурхоб буда, аз тарафи чап ба он ҳамроҳ мешавад. Ин дарё аз ҳудуди Помири Шимолӣ сарчашма гирифта ба самти ғарб ҷорӣ мешавад ва бо дарёи Қизилсу, ки аз водии Олойи Қирғизистон ба ҳудуди Тоҷикистон мегузарад якҷоя (ҳамроҳ) шуда, дарёи Сурхобро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди ҳавзаи дарёи Муғсу пиряхҳои калонтарини Тоҷикистон аз қабили Федченко, Сағрон (Сагрон), Фортамбек, Савуқдараи Калон, Танимаси Хурд, Бивачий ва ғайраҳо ҷойгир шудаанд.

**Пиряхи Сағрон** дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Пётри Як воқеъ гардидааст 22, 0 км. дарозӣ ва 47,1 $км^2$ масоҳат дорад, он пиряхи мураккаби водигӣ мебошад, қисми аз ҳама болои он дар баландии 6720 м. аз сатҳи баҳр воқест.

**Пиряхи Пётри Як** дар самти шимолии қаторкӯҳи Пётри Як ҷойгир мебошад. Ин пиряхи шохронда буда, 17,2 км.дарозӣ ва 24,2 км$^2$ масоҳат дорад. Ҳадди болоии пирях дар баландии мутлақи 5500 м. ҷой гирифта аст.

**Пиряхи Савуқдараи Калон** пиряхи мураккаби водигӣ буда, 20,6 км. дарозӣ ва 53,0 км$^2$ масоҳат дорад, ҳадди болоии пирях аз сатҳи баҳр дар баландии 7120 м. воқеъ гардидааст. Солҳои охир 2,2 км.кӯтоҳ шудааст.

**Пиряхи Танимаси Хурд** низ пиряхи мураккаби водигӣ буда, 17,6 км. дарозӣ, 43,5 км$^2$ масоҳат дорад, дар шимоли қаторкӯҳи Академияи Илмҳо дар баландии то 5800 м. ҷой гирифтааст. Қисми пеши пирях дар баландии 3000 м. воқеъ буда, бо морена пӯшида шудааст. Ҳаҷми пирях ба 66 километри мукааб баробар мебошад.

**Пиряхи Бивачий** пиряхи мураккаби водигӣ буда, дар шимолии қаторкӯҳи Академияи Илмҳо ҷойгир шудааст. Ин пирях 30,1 км. дарозӣ ва 37,1 км$^2$ масоҳат дорад. Қисми пеши пирях аз сатҳи баҳр дар баландии 3800 м. ва қисми болоии он дар баландиҳои 5800 – 6000 м. ҷойгир мебошад. Ҳаҷми пирях ба 197 км$^3$ баробар аст. Қисми пеши пирях, кибо моренаҳо пӯшида шудааст, ҳангоми об шудани пирях дар сатҳи он якчанд кӯлҳои хурд пайдо мешаванд [5].

Пиряхи калонтарини кӯҳии ҷаҳон ва Тоҷикистон **Федченко** ба чанде аз шохобҳои дарёи Муғсу ва Панҷ ғизо мебахшад аз ин хотир лозим донистем, ки оиди он маълумоти кӯтоҳ пешкаш намоем.

Пиряхи Федченко дар гиреҳи қаторкӯҳҳои Академияи Илмҳо, Пётри Як, Дарвоз, Язғулом, Арал, Девори Бузург, Қиз – Қурғон дар баландии 2909 – 6200 м. ҷойгир шудааст. Федченко пиряхи бузурги водигӣ буда аз 45 шоха иборат аст, дарозии он 77 км., паҳнии миёнааш – 1800 м., паҳнии бештараш 5000 м., майдони сатҳаш 649,6 км$^2$, ҳаҷми массаи ях 96,6 км$^3$, ғафсиаш аз 700 то ба 1000 м. мерасад. Масоҳати умумии пирях бо шохаҳояш 824,1 км$^2$ ва ҳаҷми ях бо шохаҳояш ба 824,1 км$^3$баробар аст. Тӯли 100 соли охир забонаи пирях кӯтоҳ шуда, қафонишинӣ ва сатҳаш 50 м. паст фаромадааст.

Сокинони таҳҷоӣ хеле барвақт ба ин пирях шиносоӣ доштанд, онро «Музтоғ» - «Кӯҳи яхин» меномиданд. Соли 1878 ин пирях аз тарафи сайёҳи машҳури Рус В. Ф. Ошанин кашф ва ба илм ворид намуда, ба шарафи дӯст ва муҳаққиқи машҳури Осиёи Миёна А. П. Федченко номгузорӣ намуд.

Аз нишебии шимолии пиряхи Федченко рӯди Селдара сарчашма мегирад он ба рӯдҳои Баландкиик, Каиндӣ ва Савуқсой ҳамроҳ шуда, ба ташаккули дарёи Муғсу саҳм мегузорад.

**4. Пиряхҳои ҳавзаи дарёи Хингоб**. Дар ҳавзаи дарёи Хингоб пиряхҳои хурду калони сершумор аз қабили Гармо, Гандо, Скогач, Дарвоз, Мазор ва даҳҳо дигарҳо ҷойгир шудаанд.

**Пиряхи Гармо** дар саргаҳи дарёи Хингоб, мавзеи ба ҳам бархурди қаторкӯҳҳои Пётри Як, Академияи Илмҳо ва Дарвоз ҷойгир шудааст. Аз ин пирях рӯди ҳамноми Гармо оғоз ёфта бо рӯди Бохуд ва ғайраҳо пайваст шуда, дарёи Хингобро ташкил медиҳанд. Пиряхи Гармо пиряхи мураккаби водигӣ буда, аз шохаҳои зиёд иборат мебошад. Дарозии пирях 27,5 км., майдони фарогирифтааш 153,3 км$^2$ мебошад, ҳадди болоии пирях дар баландии 6350 м. вале ҳадди поёниаш бошад аз сатҳи баҳр дар баландии 2970 м. воқест. Ин пирях аз соли 1932 то соли 2006 ба андозаи 7 км. қафонишинӣ кардааст, сатҳи он ҳар сол 4 м. паст мешавад. Шохаҳояш алоқаи худро аз танаи асосии ин пирях канда

ҷудо шудаанд. Ин раванд таназзули минбаъдаи пиряхро метезонад, ба реҷаи обшораи дарёи Хингоб таъсири манфӣ мерасонад.

**Пиряхи Гандо** дар ҷанубии қаторкӯҳи Пётри Як дар саргаҳи рӯди Қирғизоб, шохоби тарафи рости дарёи Хингоб воқеъ гаштааст. Дарозии ин пиряхи шохронда 18 км.ва масоҳати сатҳаш 55 км.$^2$ аст. Тавассути расмгириҳои кайҳонӣ маълум карда шуд, ки тӯли 60 сол (аз соли 1945 то соли 2005) ба андозаи 1,5 км.кӯтоҳ шудааст. Ин пирях дар баландиҳои 3024 – 6150 м. аз сатҳи баҳр макон дорад. Қисмати ҷабҳави (пеши) – и пирях ба масофаи 4,5 км. бо морена пӯшида шудааст. Баъзе шохаҳои пиряхи Гандо аз он канда шуда ҷудо гаштаанд. Ин аломатҳо далели коҳишёбӣ ва таназзули пирях мебошанд.

**Пиряхи Дарвоз** дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Дарвоз воқеъ гардидааст. Пиряхи мазкур аз ҷиҳати морфологӣ шохронда буда, 16,2 км. дарозӣ ва 27,8 км$^2$ масоҳат дорад. Қисми болоии пирях аз сатҳи баҳр дар баландии 5800 м. мехобад.

**Пиряхи Скогач** дар ҳавзаи дарёи Хингоб, нишебии шимолии кӯҳи **Мазор**, ки он шохаи калони қаторкӯҳи Дарвоз мебошад макон дорад, аз он рӯди ҳамноми Скогач ибтидо гирифта, ба рӯди Бохуд ҳамроҳ мешавад ва дарёи Хингоб ташаккул меёбад.

Скогач пиряхи водигӣ буда 12 км.дарозӣ, 12,6 км$^2$ масоҳат ва 1,2 км.$^3$ ҳаҷм дорад. Агар забонаи пирях аз сатҳи баҳр дар баландии 3050 м. ҷой гирифта бошад, қисми болояш дар баландии 5250 воқеъ гаштааст. Қисми пеши пирях ба андозаи 1,1 км.$^2$ бо морена пӯшида шудааст.

Пиряхи Скогач байни солҳои 1969 – 1976 ба масофаи 76 м. ва байни солҳои 1975 – 1991 боз 67 м. кӯтоҳ шудааст, пас ба ҳисоби миёна байни солҳои 1969 – 1991 ин пирях соле беш аз 7 м. кӯтоҳ шудааст. Ҳаҷми умумии пирях қариб ба 1 млрд. м$^3$ баробар аст. Обшавии пирях дар фасли гарми сол 6 моҳ давом мекунад ва дар ин фосила сатҳи болоии пирях 3 м. об шуда, паст мефарояд. Тӯли солҳои 1969 – 1986 ин пирях 98,8 млн. м$^3$ ҳаҷми худро талаф додааст, ки он 8,2 % массаи умумии пиряхро ташкил медиҳад, пас соле ба ҳисоби миёна 0,5% - и массашро бой додааст. Суръати миёнаи шабонарӯзии ҳаракати (хазидани) пирях 35 – 40 см. ва дар як сол 130 – 150 метрро ташкил медиҳад.

**Пиряхи Мазор** дар саргҳаи рӯди Оби Мазор, ки шохоби калони тарафи чапи дарёи Хингоб мебошад воқеъ гаштааст.Рӯди Оби Мазор дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Дарвоз ҷойгир шуда, ба самти шимол ҷорӣ мешавад. Пиряхи Мазор пиряхи водигӣ буда 16,8 км. дарозӣ, 18,5 км$^2$ масоҳат дорад, 4,0 км$^2$ масоҳаташ бо морена пӯшида шудааст. Забонаи пирях аз сатҳи баҳр дар баландии 3200 м. воқест. Ин пирях аз соли 1958 то соли 1976 ба андозаи 210 м. (соле 10 м.) кӯтоҳ шуда, андозаи сатҳаш 0,11 км$^2$ коҳиш ёфтааст. Аз соли 1975 то соли 1990 боз ба масофаи 261 м. (соле 16,3 м.) кӯтоҳ шудааст.(**Ледники Таджикистана.Д. 2003, с. 24 – 25**).

**6. Пиряхҳои беқарор**. Дар байни пиряхҳои кӯҳистони Помиру Олой як гурӯҳ пиряхҳоро пиряхҳои **беқарор (нооромӣ)** номида мешавад. Ин гурӯҳи пиряхҳо сари чанд вақт ҳаёти оромонаю мӯътадили худро тағйир дода, нисбат ба ҳолати муқаррарӣ дар як шабонарӯз бо суръати тезӣ ба чашм намоён ба нишебии дараю водиҳо ҳаракат намуда, ҳаёти (реҷаи) муқаррарии дарёҳо ва сокинони дар ҳавзаи дарёҳо бударо ноором, халалдор ва ҳатто боиси талафоти молию ҷонӣ мегарданд.

То вақтҳои наздик доир ба шумораи пиряхҳои беқарори Помиру Олойи Тоҷикистон маълумоти саҳеҳ вуҷуд надошт, онҳоро гоҳо 18 ва гоҳи дигар 37 ҳисоб мекарданд. Истифодаи расмгириҳо аз кайҳон нишон дод, ки шумораи чунин пиряхҳо дар сарзамини мо ба 612 мерасанд.

Мутаасифона, ҳоло ҳамаи ин пиряхҳо ба андозаи баробар омӯхта нашудаанд. Дар байни пиряхҳои беқарор танҳо 7 пирях аз қабили Хирс, Дидал, Беном, Мушкетов, Фортомбек, Ҷамъияти Географии Рус нисбатан хубтар омӯхта шудаанд.

Ҳоло мехоҳем доир ба**пиряхи беқарори Дидал**, ки дар ҳудуди музофоти Раштонзамин воқеъ гаштааст андешаронӣ намоем. Пиряхи Дидал яке аз пиряхҳои нисбатан калони нишебии шимолии қаторкӯҳи Пётри Як буда, 4,9 км.дарозӣ, 1,5 $км^2$ масоҳат дорад. Дар ҳавзаи рӯди Каудали шохоби дарёи Сурхоб воқеъ гаштааст. Агар забонаи ин пирях нисбат ба сатҳи баҳр дар баландии 2700 м. воқеъ бошад, рахи фирнавӣ дар баландии 3290 м. ва нуқтаи баландаш ба 3800 м. мерасад. Дидал пиряхи мураккаби водигӣ буда, дар тарафи росташ шохаҳои хурд дорад.

Пиряхи Дидал аз нишебии ростфаромадаи санглохии шимолу шарқии қуллаи Каудал (4778 м.) хазида, аз самти ҷануби ғарб ба самти шимолу шарқ ҳаракат мекунад. Аз пиряхи Дидалрӯдчаи Каудал ғизо гирифта аз тарафи чап назди деҳаи Қаросағир ба дарёи Сурхоб ҳамроҳ мешавад.

Мушоҳида ва маълумотҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки пиряхи Дидал борҳо ҳолати оромии нисбии худро ба ҳаракати тезу беқарор иваз намудааст. Чунин ҳолат солҳои 1897, 1926, 1939 ва 1974 такрор шудааст.

Ибтидои моҳи июли соли 1974 суръати ҳаракати оромонаи пиряхи Дидал ба ҳаракати босуръат иваз шуд, сатҳи пирях кафида ба қисмҳо ҷудо гашт, тарқишҳои умқашон гуногун пайдо шуданд, сатҳи қафои пирях ба поён хамид, вале сатҳи пеши пирях дамида боло хест, дарозии пирях афзуд, суръати ҳаракат хеле беш гашт. Гоҳо аз зери пирях сели об ба пеш ҷорӣ мешуд, харҷи он ба 20 – 30 $м^3$/сон., сатҳи об дар маҷро 10 м. баланд хест. Дар яке аз чунин селҳо барзагов ва модагов ғарқ шуда нобуд гаштанд. Ҳангоме, ки банди пиряхӣ кушода шуд аз зери яхпораҳо сели азими об дар маҷрои дарёи Каудал ба 385 $м.^3$/сон.расид, соҳилҳои дарё, роҳ, пул ва деҳаи Қаросағирро хароб намуд.

Яхшинос – муҳандис А. А. Яблоков (с. 2005) ва гурӯҳи муҳаққиқон тавассути чархбол ҳамон шабу рӯз ба ҷои ҳодиса расида омаданд. Маълум карда шуд, ки пирях кайҳо 700 м. ба пеш хазидааст. Шаби 12-уми августи ҳамон сол суръати ҳаракати пирях дар як соат 1,5 – 2 м.-ро ташкил дод. Баландии қисми пеши пиряхи ҳаракаткунанда ба 20 м. мерасид. Рӯзи 13-уми августи соли 1974 суръати ҳаракати пирях дар як соат ба 5 – 6 м. расид. Ниҳоят соати 13 $^{20}$дақиқа гулдурроси баланд танинандоз шуд, забонаи 600 метраи пирях, ки баландиаш ба иморати бисёрошёна баробар буд аз пиряхи асосӣ канда шуда ҷудо гашт, ки ҳаҷми он ба 1,5 – 2 млн. $м^3$ мерасид. Баъдан он ба се қисми хурд ҷудо шуда ба пеш ҳаракат намуданд. Дар ин айём аҳолии деҳаи Қаросағирро ба ҷои бехавф кӯчонида буданд.

Аз 14-уми август то 29-уми сентябри соли 1974 қисмҳои порагаштаи пиряхи Дидал ба масофаи 1300 м. ҳаракат намуда бошад ҳам, ҳавфи ҷиддӣ пеш наовард, зеро ҳаво сард шудан гирифт, обшавии пирях коҳиш ёфт, ҳаракати пиряхҳо ҳам оҳиста шуд. Мушоҳидаи соли оянда нишон дод, ки сатҳи асосии пиряхи Дидал 20 – 25 м. паст фаромадааст, дар саргаҳи пирях зинаҳое ба амал

омадаанд, ки то 60 м. баландӣ доштанд. Аз тирамоҳи соли 1974 то баҳори соли 1975 яхпораҳо боз 900 м. ба пеш хазидаанд ва тӯли ду сол об шуда рафтанд.

Аз мушоҳида ва маълумотҳои шифоҳӣ маълум мешавад, ки пиряхи Дидал 30 – 40 сол ором хобида, боз бедору беқарор мешавад. Ҳоло аз беқарорию аз хоби ноз бедор шудани он беш аз 40 сол сипарӣ гашт. Мушоҳидаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки солҳои охир сатҳи болоии пиряхи Дидал оҳиста бошад ҳам, чун хамираи хеста як чанд метр баланд шуда истодааст, ки аз наздик шудани беқарории навбатии пирях дарак медиҳад. [6].

**Пиряхи Фортамбек** низ дар шимолии қаторкӯҳи Пётри Як ҷойгир шуда аст. Ин пиряхи мураккаби водигӣ 27,2 км.дарозӣ ва 36,4 км$^2$ масоҳат дорад. Нуқтаи поёнаш дар баландии 2850 м. ва нуқтаи болотарини ин пирях дар баландии 5350 м. воқест. Пиряхи Фортамбек ба гурӯҳи пиряхҳои беқарор мансуб аст.

Ҳамагӣ дар ҳавзаи ин пирях 41 пирях ба ҳисоб гирифта шудааст. Пиряхи Фортомбек аз ҳисоби тармаҳои аз атроф фароянда ғизо мегирад. Ин пирях борҳо ба ҳолати беқарорӣ омада, ба самти нишеб хазида аст. Пиряхи Фортомбек охирон маротиба солҳои 1983 – 1984 нооромгаштааст, вале то ба водии Муғсу нарасида дар роҳ об шуда рафтааст. Афзудани бориш дар қисмати баланди пирях метавонад боиси беқарории навбатӣ гардад.

Начандон дур аз пиряхи Дидал дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Пётри Як дар саргаҳи рӯди Шӯраки Шарқӣ пиряхи беном, ки рақами тартибиаш 504 мебошад ва дар ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи Олой дар ҳавзаи рӯди Куксу **пиряхи Абрамов**воқест низ пиряхи беқарор мебошад. Ин пирях ҳам солҳои мухталиф бо суръат ба пеш ҳаракат кардааст.

Пиряхҳои хурди беқарор солҳои наздик зери гарм шудани иқлим об шуда маҳв мегарданд.

Дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Пётри Як мансуб ба ҳавзаи дарёи Хингоб пиряхи беном, ки таҳти рақами **88** ифода шудааст (саргаҳи рӯди Шаклису) низ ба гурӯҳи пиряхҳои беқарор мансуб мебошад. Соли 1977 аз 21-уми моҳи март то 21-уми декабри ҳамон сол ин пирях 1400 м. ба пеш ҳаракат кардааст, яъне тӯли ҳар як моҳ 280 м. ва дар давоми як шабонарӯз 9,1 м. ба пеш хазида аст. Хушбахтона ҳаракату беқарории ин пирях ягон фалокату нохуширо пеш наоварда буд.

**7. Таназзул ва таҳаввули пиряхҳо**. Аз далелу санадҳои дар боло овардашуда, маълумотҳои муассисаи Хадамоти обуҳавосанҷии Тоҷикистон, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки дар нимаи аввали асри XXI пиряхҳои мамлакат ба таҳаввул ва таназзули ҷиддӣ дучор меоянд.

Пиряхҳои начандон калони нишебиҳои тарафи шимол ва ҳам ҷанубии қаторкӯҳи Пётри Як то соли 2030 об мешаванд, зеро таназзули онҳо бо суръат давом дорадва ғафсиашон чандон зиёд нестанд. Садҳо пиряхҳои масоҳаташон аз 1 км.$^2$ хурди соҳили рости дарёи **Сурхоб**, ки дар ҷанубии **қаторкӯҳи Олой** воқеъ гаштаанд нобуд мешаванд. Ба ин қабил пиряхҳои саргаҳи Камароб мансубанд.

Майдони яхбандии тарафи рости ҳавзаи дарёи Сурхоб 15 – 20 % ва ҳаҷми пиряхҳо ба андозаи 25 – 30 % кам мешаванд, вале қисми зиёди яхбандӣ нигоҳ дошта мешаванд, зеро пиряхҳои нисбатан калон дар баландкӯҳҳои соярӯи нишебиҳои тарафи шимол ҷойгир шудаанд. Яхбандиҳои ҳавзаи рӯди

Сангикар аз байн мераванд, пиряхҳои ҳавзаи Сорбо ва Ярхич кам мешаванд, пиряҳои ҳавзаи рӯди Коксу беҳтар нигоҳ дошта мешаванд.

Аз пиряхҳои ҳавзаи дарёи **Муғсупиряхи Федченко** на бештар аз 3 – 5 % массаи худро талаф медиҳад, зеро ин майдони яхбандӣ аз сатҳи баҳр хеле баланд ҷойгир шуда, хунук мебошад. Пиряхҳои ин гиреҳи яхбандӣ боз чандин аср нигоҳ дошта хоҳад шуд. Ин пиряхҳо якчанд километр кӯтоҳ мешаванд, майдони пиряхҳои калони ҳавзаи дарёи Муғсу аз қабили Федченко, Суғрон, Мушкетов, Шогазӣ ва чанде дигарҳо ба андозаи 10 – 20% коҳиш меёбанд. Вобаста аз босуръат об шудани пиряхҳо мумкин аст обшораи дарёи Муғсу муваққатан афзоиш ёбад.

Пиряхҳои ҳавзаи шохоби тарафи рости дарёи Сурхоб – рӯди **Қизилсу**, ки аз ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон меояд бо вуҷуди нобуд шудани чанде аз онҳо обшораи ин рӯд чандон коҳиш намеёбад.

Аз маълумотҳои мавҷуда хулоса баровардан мумкин аст, ки таназзули яхбандии ҳавзаи дарёи Хингоб бештар ба амал меояд. Дар байни пиряхҳои ин ҳавза **пиряхи Гармо** бештар коҳиш меёбад, зеро он хобиши ҷанубу ғарбӣ дорад, таъсири нурҳои офтоб бештар ва бардавомтар буда, обшавии пиряхро метезонад. Эҳтимол дорад, ки тӯли ним аср 25 % майдони яхбандӣ ва 35 % ҳаҷми пирях талаф ёбад. Вобаста ба чунин тағйирот мумкин аст, ки обшораи дарёи Хингоб 15 – 20 % кам шавад. Пиряхҳои хурди то 1 км$^2$ масоҳат дошта мумкин аст, ки то соли 2030 тамоман маҳв шаванд. Ҳамаи ин тағйироту таҳаввулот ба обшораи дарёи Хингоб ва ниҳоят ба обшораи дарёи Вахш, ки барои хоҷагии халқи мо аҳамияти аввалиндараҷа дорад бе таъсир намемонад (**Ледники Таджикистана. Д. 2003, с. 32**).

**Гарм шудани иқлими кураи Замин** боиси босуръат об шудани пиряхҳои Арктикаю Антарктида, Гренландия, пиряхҳои силсилаи қаторкӯҳҳои тамоми ҷаҳон гаштааст. Сатҳи оби укёнусҳобаланд ва масоҳаташон дар афзоиш қарор доранд. Айни замон инсоният қудрати пешгирии ин раванди номатлубро надорад. Чандин таклифу пешниҳодҳо ба миён омада бошанд ҳам, лекин аз ҷиҳати техникию иқтисодӣ ва илмӣ бунёди қавӣ надоранд. Масалан, бо роҳи сунъӣ афзоиш додани бориш, ба таври сунъӣ афзудани кучиши тармаҳо ба болои пиряҳо, бо роҳи сунъӣ маҳдуд кардани гармиқабулкунии пиряхҳо, дар кӯҳҳо офаридани обанборҳои хурду яхкунонидани онҳо, дар болои пиряҳҳо бо роҳи сунъӣ ба амал овардани дуду туман (ин амал ба флора ва фаунаи атроф таъсири манфӣ мерасонад) ва ниҳоят бо роҳи сунъӣ об шудани пиряхҳоро тезонидан ба манфиати табиату инсон нахоҳад буд.

Яке аз роҳҳои истифодаи сариштакорона ва оқилонаи об ин «**ғунноии оби аввалҳои баҳорӣ ва тирамоҳӣ**» - и рӯду дарёҳо мебошад. Бо ин мақсад дар маҷрои дарёҳо ва ё дар ҷойҳои дигари мувофиқи кӯҳӣ сохтани обанборҳои сатҳашон хурд, ва умқашон зиёд мебошад. Дар чунин ҷойҳо полоиш (филтратсия) ва бухоршавии об камтар рух медиҳад. Тазаккур бояд дод, ки чунин обанборҳо аз ҷиҳати техникӣ мустаҳкаму бехавф бошанд, дар чунин обанборҳо НБО-ҳо сохта нашаванд, обанборҳо танҳо бо мақсади обтаъминкунии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ созмон дода шавад.

Воситаи дигари бо об таъмин намудани соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва хоҷагиҳои коммуналӣ ин сохтан ва ба истифода додани **обкашҳои барқӣ** мебошад, зеро дар бисёр водиҳо дарёҳо дар маҷрои чуқур ҷорӣ мешаванд,

заминҳои киштбоб бошанд дар ду тарафи соҳил, дар болои зинаҳои (террасаҳо) баланд воқеъ гаштаанд.

Воситаи сеюми бо об таъмин намудани соҳаҳои обталаб ин **истифодаи обҳои зеризаминӣ** ва дар ҷойҳои мувофиқ сохтани «обанборҳои зеризаминӣ» мебошад, зеро дар чунин ҷойҳо буғшавии об, яъне талаф камтар рӯх медиҳад.

Ва ниҳоят воситаи муҳими истифодаи оқилонаи об ин таъмини майдонҳои обёришаванда, гузаштан ба **истифодаи усулҳои каммасрафи об**, нақли об ба воситаи лулаҳо, то ин ки об камтар бухор шавад.

Бо мақсади оқилона ба роҳ мондани истифодаи захираҳои мавҷудаи об ин талафи обро дар системаҳои обёрикунӣ ва соҳаҳои дигари истифодаю истеъмол коҳиш дода, коэффитсенти фоиданокии онро баланд бардоштан аст. Аз таҳқиқоти муҳаққиқони соҳа бармеояд, ки коэффитсенти фоиданокии системаҳои обёрӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоби миёна 50 % - ро ташкил медиҳад.Агар дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҷрибаи обёрии мамлакатҳои Шарқи Миёнаю Наздик аз ҷумла Исроилро истифода намоем, он гоҳ захираи об афзун мегардад ва имкон фароҳам меояд, ки аз ҳисоби ин сарфакунӣ заминҳои навро ба истеҳсолоти кишоварзӣ ҷалб намоем, ҳамзамон ҳосили фаровон ба даст оварем. Дар ин ҳолат зарурияти ба таври сунъӣ тезонидани обшавии пиряхҳо, ки бе ин ҳам дар афзоиш мебошанд аз байн меравад.

Яхшиноси маъруфи ҷаҳонӣ, академик В. М. Котляков (с. 2001) баъди як қатор татқиқотҳои охирини худ дар сарзамини Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки дар минтақаи кӯҳии Помиру Олой якчанд мамнӯъгоҳи пиряхҳои бузурги кӯҳсор таъсис дода шавад, қобили дастгирӣ ва лоиқи таваҷҷӯҳ мебошад [7].

Мувофиқи баъзе пешгӯиҳо то ба соли 2050 миқдори боришот ба андозаи 14 – 15 % афзоиш меёбад, вале ин тағйирот боиси афзуншавии оби дарёҳо шуда наметавонад, зеро боридани борон 40 – 50 % ба буғшавӣ, полоиш сарф мешавад, ҳиссаи боқимонда (барф) ҷои барфҳои обшударо мепӯшонаду бас.

Минбаъд лозим аст, ки камаш сари ҳар панҷ сол доир ба масоҳат, ҳолат, таҳаввули пиряхҳо тавассути расмгириҳои кайҳонӣ ва омӯзишу мушоҳидаҳои сатҳи заминӣ маълумотҳои нав ба даст омадаро ҳаматарафа таҳлил ва баррасӣ намуда, доир ба обшораи пиряхӣ (ледниковый сток) маълумоти мушаххас пешниҳод гардад.Чунин маълумотҳо барои соҳаҳои обистифодабарандаю обистеъмокунанда басо муҳиманд, то ин, ки рушди устувори соҳаро саҳеҳ ба низом дароранд, ба хараҷу мараҷи зиёд оварда нарасонад.

**Адабиёт**


1. Муҳаббатов Х.М., Яблоков А.А. Снежный покров Таджикистана. Душанбе «Ирфон». 2008, 118 с.
2. Таджикистан: природа и природные ресурсы. Душанбе. 1982, 601 с.
3. Мусоев З., Дильмурадов Н. Ледники Таджикистана. Душанбе. 1994, 105 с.
4. Ледники Таджикистана (Главтаджикгидромет). Душанбе. 2003,35 с.
5. Пильгуй Ю.Н., Саидов М.С., Хомидов А.Ш., Шакиржанова Г. Н. Ледники Таджикистан в условиях изминения климата. Душанбе. 2008, 116 с.
6. Махмадалиев Б.У., Яблоков А.А. Опасные пульсирующие ледники Таджикистана. Душанбе. 2005, 58 с.
7. Аброров Ҳ., Акмалов М. Мӯъҷизаҳои табиати Тоҷикистон. Душанбе. 2014, 222с.

УДК811

***Алиева З.И.,***
*муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии ДДТТ*

***Махсумова Г.Ҳ.,***
*ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДТТ*

*734055, ш.Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2,*
*Тел: (+992) 901080402,*
*E-Mail: gulyajon5@mail.ru*

## ТАФОВУТ БАЙНИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ БРИТАНИЯВӢ ВА АМРИКОИ АНГЛИСӢ

*Дар мақолаи мазкур оид ба тафовути байни забони англисии британиявӣ ва амрикои англисӣ баррасӣ шудааст.*
***Вожаҳои калидӣ**: грамматика, лексика, орфография, мафҳум, ихтилоф.*

***Алиева З.И.,***
*Старший преподаватель кафедры иностранных языков.*

***Махсумова Г.Х.,***
*Ассистент кафедры иностранных языков.*

*734055, г. Душанбе, ул. Дехотӣ 1/2,*
*Тел: (+992) 901080402,*
*E-Mail: gulyajon5@mail.ru*

## РАЗНОВИДНОСТИ БРИТАНСКОГО АНГЛИЙСКОГО И АМЕРИКАНСКОГО ЯЗЫКА

*В данном статье обсуждается разновидности англо - британского и американского английского языка.*
***Ключевые слова**: грамматика, лексика, орфография, термин.*

***Alieva Z.E.,***
*Senior teacher of English language.*

***Makhsumova G.H.,***
*Asistant of English Language.*

*734055, Dushanbe, Dehoti st, 1/2,*
*Tel: (+992) 901080402,*
*E-Mail: gulyajon5@mail.ru*

# DIFFERENCES BETWEEN BRITISH AMERICAN AND AMERICAN ENGLISH

*In currency article talking about differences between British American and American English and 895632. /85210.30. its spreading in USA, Canada, Australia and New Zeeland.*

***Key words**: grammar, lecture, orthography, termin and differences .*

Бо омилҳои паҳншави дар таркиби забони англисӣ тағиротҳои мухталиф ба вуҷуд омаданд. То он вақте ки дар кишварҳои мустамликаи ИМА, Канада, Австрия ва Зеландия нав, ки ба забони англисӣ гап мезананд он ба забони англисии Британиявӣ хеле шабоҳат дошта, танхо бо фонди лугавӣ ва фразеологӣ аз ҳамдигар фарқ дорад. Бо забони англисие, ки дар Ҳиндустон гап мезананд дар синтаксис ва грамматика фарқият ба назар мерасанд. Воқеан хам ба забони англисии Амрикои, забони ҳинду-амрикои испанихо, ки аз чихати этникӣ гуногунанд охиста-охиста ба ИМА омада таьсири калон мерасонад. Забони англисӣ амрикои ба аҳолии ҷазираи Британияи Кабир бо ин тагйиротҳо ва таьсиротҳо пурра фаҳмо буд. Дар хақиқат бисёр вожахои "Амрикои" ба забони англисии Британӣ ворид шуданд: ба мисли калимаи skunk-скунс, ки ҳинду-амрикои аст. Canyon –банан, potato- картошка (испанӣ) аз забони испанӣ ба англисӣ ворид шудаанд. Инчунин иборахои to stricke oil-ба мувафакият ноил шудан, to take a back seat – Дигар калимаҳо automobile-автомобил, cookie-ширини, crasy-девона, movie –филм, truck- мошини боркаш вожаҳои сирф амрикои ҳастанд, вале бисёртар онро Британиягиҳо истифода мебаранд. Баьзе калимаҳо худ сирф амрикои ҳастанд ки ба забони англисии чахонӣ дохил шуданд ва инчунин баьзе навиштаҷоти он низ, яьне дигаргунии орфографии байни Англисҳо ва Амрикоиҳо дида мешавад. Ба мисли (color-colour- ранг, theater-theatre- театр, program-programme-барнома, dialog-dialogue-муҳовара, catalog-catalogue-феҳрист, defense-defence-ҳимоя кардан traveled-travelled- саёҳат кардан, pretense-pretence-муқобилият ва гайра.

Баьзе калимаҳо пайдоиши амрикои доранд чун дар навишти калимаҳо аз забони британи-англисӣ фарқият дорад. Дар забони австрали-англисӣ калимаҳое ҳастанд ки ба забони англисӣ чахонӣ ворид шуданд.Мисол cobber-friend –рафик, Sheila- girl –духтар, ва гайра. Джорж Бернард Шоу кайд кардааст, ки Америка ва Англия ду давлате ҳастанд ки аз ҳам бо забон фарқ мекунанд. Вале то андозае забони британӣ аз забони амрикои англисӣ фарқияти калон дорад. Баьзе амрикоихо ва англисҳо рочеь ба ин масьала фикру мулоҳизаҳои худро гуфта ба хулосае омаданд ки баьзе калимаҳо умумӣ ҳастанд (ҷадвали 1):

**Ҷадвали 1.**

**Муқоисаи баъзе калимаҳое, ки ба ҳам шабоҳат доранд**

| Британи-амрикои | Калимаҳо | Амрикои–англисӣ |
|---|---|---|
| (моеъ) | Gas | (моеь) |
| Мактаби хусуси | public school | Мактабе, ки барои ҳама |
| Рохи зеризаминӣ | subway | рохи охани зеризаминӣ |
| Руйхати он чизе, ки дар тараб-хона пардохт мекунед. | bill | пулҳои коғазӣ |
| Либосе, ки онро аз таги курта мепӯшед | vest | Либосе, ки онро аз таги жекет мепӯшанд |

**Ҷадвали 2.**

**Мувофикати калимаҳои америкои –ангисӣ ва британияви-англисӣ**

| American English | British –English |
|---|---|
| Bill, chips, druggist, faucet school | Trousers, car park, state- |
| French, fries gas, main street vest chemist | Traffic lights, underground, |
| Stop, lights, parking lot, subway, public. crisps. | Petrol, tap, banknote, chips |

Дар забони амрикои ва британияви англисӣ бисёр калимаҳое вуҷуд доранд, ки якхела навишта мешаванд, вале маънoҳои гуногун доранд. Дар забони англисӣ ва амрикои англисӣ калимахое хастанд, ки англисхо онро истифода намебаранд. Дар англиси амрикои ва британиявӣ бисёр калимахо доранд, ки якхела менамоянд вале маьноҳи гуногун доранд.

Мисол**: druggist-** касе ки дар мағоза дору мефурӯшад,**parking lot**-ҷое ки мошин дар он чо нигоҳ дошта мешавад,**drugstore-**мағозае ки дар он мумкин дору, молхои канселярии ва дигар чизро пайдо кард, **main street-** кӯчае ки **д**ар он тамоми магозахо чойгир шудаанд ва гайра. Аммо тафовут байни амрикои англисӣ ва британияви он кадар дида намешавад. Тафовути бештар дар лексика, орфография, грамматика ва талафуз дида мешавад: Пайдоиш ва сабаби гуногуншакли британияви англисӣ ва амрикои албатта маьлум аст:

**1)** Муҳити гуногун ва ҳаёт;

**2)** Таьсири бевоситаи дигар забонҳо ба англиси амрикои (асосан испания). Мисолҳои зиёде овардан мумкин аст. (ШМА-Британия)

| **ШМА** | **Британия** |
|---|---|
| Good Luck | Break a leg. |
| Flat | apartment |
| Ground floor | first floor |
| To hire | to rent |
| Lift | elevator |

Америкоихо ва англисхо бо як забон ҳарф мезананд. Вале хаёти ин ду миллат аз хам фарқи калон дорад. Забон ба одамон барои якдигарро беҳтар фаҳмидан ва ҳал кардани баъзе вокеаҳои сиёсию иқтисодӣ кӯмак мерасонад ва маҳз барои ҳамин ахли башар забонҳои хориҷиро меомӯзанд. Аксарияти забонҳо мухталифанд. Баьзе забонҳо душворфаҳм буда, баьзеашон осонфахм ҳастанд. Вале дар чаҳон забонҳои якхела нестанд. Зиёда аз 2,700 забон вуҷуд дорад ва бисёре аз онхо амалкунада мебошанд. Инчунин забонҳои мурда низ вучуд доранд. Ба мисли лотини. Ду ҳазор сол пеш забони лотини забони мухими байналмилали ҳисоб мешуд. Имрӯз бошад он аз байн рафт ва ҷои онро забони англисӣ иҳота кард. Забони англисӣ забони тичорат, сиёсат илм варзиш ва саёхат дар тамоми чаҳон шинохта шуд.

Зиёда аз як миллиард одамон ба забони англисӣ гап мезананд,ки ин қариб панҷ кисми аҳолии чаҳон аст. Барои 400 млн одамони саёра ин забони модари аст ва барои 600 млн ин забони дуюм хисоб мешавад. Имрӯз бошад зиёда аз 250 млн одамон танхо забони англисиро омӯхта истодаанд, ки ин аз ахолии ИМА зиёдтар аст. Бояд кайд кард, ки забони англисиро бояд омӯхт. Маталеро мисол овардан мумкин аст ки

“Забони нав- чахони нав” “Дониш – ин кувва аст” гуфтааст яке аз файласуфони бузург. Кайд кардан зарур аст ки барои мутахасисони асри 21 донистани забон шарт ва зарур аст ва новобаста аз он ки кадом ихтисосро дорад бояд омӯхтани забони англисиро дар мадди аввал гузорад.
Хулоса тафовут байни забони англисӣ ва британияви англисӣ на он қадар зиёд дида мешавад.

**Адабиёт**

1.Кравченко Н.В. Английский язык для экономистов - Москва-2007.
2.Любимцева С.Н.Английский для экономистов-Москва-2006.
3.Самаучитель английского языка-Москва-2000.

УДК 378:372.881

***Саидов Т.З.,***
*ст. преподаватель кафедры иностранных языков ТГУК*

*734055, г.Душанбе, ул. Дехоти, 1/2,*
*Тел: (+ 992) 985723897*
*E-mail: stagoy@mail.ru*

## РОЛЬ И МЕСТО ТЕСТОВ ПРИ ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ

*В статье рассматриваются различные методы обучения иностранным языкам в вузах. Особое место было уделено роли тестов при обучении иностранным языкам для проверки знаний студентов.*
***Ключевые слова:*** *иностранные яэыки, английский язык, методы, тесты.*

***Saidov T.Z.,***
*Senior teacher of the Foreign Languages Department of the TSUC*

*734055, Dushanbe, Dehoti Str. ½*
*Tel: (+ 992) 985723897*
*E-mail: stagoy@mail.ru*

## THE ROLE AND PLACE OF THE TESTS IN TEACHING FOREIGN LANGUAGES

*The article discusses different methods of teaching foreign languages in universities. Particular attention was paid to the place of the tests in teaching foreign languages to verify the knowledge and skills of students.*
***Key words:*** *foreign languages, English, methods, different types of tests.*

В настоящее время существует немало методик для изучения иностранного языка в высших учебных заведениях. Каждый из методов имеет определённые особенности, которые обладают большой популярностью и востребо-

ванностью, а некоторые меньшей. Следует отметить, что также существует множество различных методик и способов преподавания иностранного языка. Каждый студент имеет огромный выбор пособий. Выбор пособий зависит от его предпочтений, вкусов и фантазий.

В современном мире английский язык пользуется огромной популярностью, более того, этот язык является языком международного общения, его знают во всем мире. На сегодняшний день существует огромное множество методик для преподавания английского языка. Кроме того, регулярно разрабатываются новые, поэтому теперь каждый преподаватель может выбрать для себя оптимально подходящую методику работы.

Одной из важнейших проблем методики преподавания иностранных языков в высших учебных заведениях является разработка умений и навыков студентов по этому предмету. Учет успеваемости, который заключается в выявлении и оценке навыков и умений студентов, играет огромную роль в повышении качества обучения. Он показывает студентам уровень достижений в учебной деятельности.

Оценка умений и навыков является непосредственным стимулятором к дальнейшей учебной деятельности студентов. В процессе проверке знаний, умений и навыков происходит их развитие и усовершенствование.

Таким образом, преподавание иностранного языка в ВУЗ-е имеет свою специфику. Языковые сведения нельзя преподносить в виде лекции. Она сведется в этом случае к изложению теории языка и фактов, послужит познавательным, а не практическим целям, тогда как в высших учебных заведениях студент должен получать в первую очередь комплекс умений и навыков практического владения языком.

Для достижения этой цели необходимо ограничивать регулярную работу учащимся над языком, систематический контроль их умений и навыков. Как показывает практика, отказ от регулярной оценки успеваемости рассматривает учебную дисциплину, отрицательно сказывается на качестве умений и навыков. Систематическая же их оценка, наоборот, дисциплинирует студентов, помогает им заставить самих себя выполнять учебные задания, содействует улучшению качества успеваемости.

На практических занятиях по иностранному языку в ВУЗ-е, мы применяем различные методы и формы опроса. Среди них можно назвать устный спрос (индивидуальный, смешанный), беседу, письменные контрольные работы (диктант, изложение, сочинение, перевод). Они имеют множество неоспоримых преимуществ и являются незаменимыми для выявления некоторых объектов контроля при изучении иностранных языков.

Однако каждый из них имеет и свои недостатки так, например, на проведении письменных контрольных работ затрачивается большое количество времени. Индивидуальный устный опрос позволяет полностью выявить умения и навыки студентов, но он не экономичен, так как в период опроса одного студента, остальные заняты не полностью. Поэтому нельзя все знания и умения контролировать каким-либо одним универсальным способом.

Очень эффективен фронтальный опрос, он позволяет вовлечь в работу всех студентов, контролировать умения.

В целях сохранения достоинств фронтального опроса на практических занятиях по иностранному языку можно практиковать методом тестирования.

В 20-х годах термин «тест» в зарубежной методике употреблялся в более широком значении, чем в настоящее время. Тогда под этим термином понимали различные формы устно-контрольных работ.

В 1845 году Томас Манн обосновал систему письменных тестов, которые предлагал ввести вместо устного опроса, а Фишер разработал шкалу оценок для различных школьных предметов.

В 1894 году Эдвард Рис предлагает тесты по орфографии и другим предметам. В 20-ом веке, первой работой по тестам, которая появилась в 1904 году, была книга Торидайка по тестированию успеваемости учащихся. В 20-х годах прошлого века перед тестированием открываются все более широкие перспективы. В 40-х для определения общей подготовленности учащихся были введены различные тесты для контроля знаний.

Контроль знаний имеет большое значение и для студентов. Он помогает каждому студенту понять и почувствовать, каких успехов он достиг в изучении иностранного языка или каковы его недостатки, над чем ему необходимо больше работать. Правильные объективные оценки, выставленные преподавателем, являются стимулом для дальнейшей работы студентов.

Следует отметить, что в настоящее время в различных странах, а также и у нас в республике ведутся интенсивные исследования в области тестирования. Тесты применяются в преподавании учебных предметов.

Интерес к тестовой методике, контроля знаний усилился в связи с разработкой метода программированного обучения.

Наряду с этим в республике уже два года как уже существует «Национальный центр тестирования», где выпускники общеобразовательных школ и учреждений смогут после окончания учебы поступить в ВУЗ-ы нашей республики, дальнего зарубежья посредством этого центра и сделать свой правильный выбор.

Тесты являются особой формой контроля знаний, умений и навыков студентов. Тесты представляют собой серию вопросов или заданий, при выполнение, которых можно ограничивать расстановкой цифр, подчеркиванием нужных ответов или односложными ответами.

Тесты экономны по времени вид проверки. С их помощью удается за короткий срок выяснить уровень знаний большого количество студентов. Применение тестов в количестве формы проверки знаний имеет ряд положительных сторон. При построении проверочных работ в виде тестов можно охватить значительную часть пройденного учебного материала. Так как студентам не приходится затрачивать много времени на самостоятельное составление и формулирование ответов по существу. Однозначность правильных ответов облегчает их оценку. Это особенно важно при большом количестве проверочных работ.

Хеннок утверждает, что для измерения полного владения иностранным языком необходимо провести следующие виды тестов:

1. A vocabulary test –тест для проверки знаний слов, их значений на различных этапах обучения и при различных условиях и методах обучения.

